# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

1. Дар шароити муосири бархӯрди тамадунҳо ва таъсири мутақобилаи тамаддуни Ғарбу Шарқ, бавуҷуд омадани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар муносибатҳои оилавӣ, дучанд гардидани зарурати ҳифзи арзишҳои оилавӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, аҳамияти бештар касб намудани таълиму тарбияи кӯдак, таъмини устувории оила ва пешгирии вайроншавии он, шиносоӣ бо таърихи пурғановати ҳуқуқи оилавӣ ва бардошт аз дастовардҳои миллати решабатаърихи худ дар роҳи ҳифзи фарҳанги ҳуқуқи оилавии ниёгонамон рӯз то рӯз меафзояд. Маҳз бо ҳамин сабаб дар заминаи тағйиротҳои ворид гардида, милликунонии қонунгузории оилавӣ сурат гирифта истодааст ва давлат бо ҳар роҳ кӯшиш мекунад оила ва аъзоёни онро аз бегонагароӣ ҳимоя намуда, арзишҳои миллиро дар муносибатҳои оилавӣ устувор гардонад. Бинобар ин, барои равшан намудани саҳифаҳои таърихи ҳуқуқи оилавӣ, ошкорсозии махсусияти танзими муносибатҳои оилавӣ ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, инчунин такмили қонунгузории оилавӣ дар такя ба арзишҳои оилавии гузаштагони худ гузаронидани таҳқиқотҳои таърихӣ-ҳуқуқие заруранд, ки дар таъмини устувории оила, такмили қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни он мусоидат намоянд.

Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик аз ҳар ҷиҳат зарур ба шумор меравад. Маврид ба зикр аст, ки масъалаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик таваҷҷуҳи олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи ҳуқукро ба худ ҷалб намудааст. Аз ин ҷост, ки ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вале ин таҳқиқотҳо ба ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон равона нагардида, танҳо масъалаҳои алоҳидаи муносибатҳои оилавиро фаро мегиранд.

Омӯзиши таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки муносибатҳои оилавиро танзим менамуданд дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ҳам дар роҳи эҳёи фарҳанги ҳуқуқи миллӣ ва ҳам барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи оилавии шаҳрвандон хизмат намуда метавонад. Дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ таърихи ниҳоят қадима дошта, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии гуногун мисли низоми ҳуқуқи зардуштӣ, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, ҳуқуқи шуравӣ ва ниҳоят қонунгузории оилавии Тоҷикистони муосир мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки ҳар як низоми ҳуқуқӣ дорои хусусияти ба худ хос буда, муносибатҳои оилавиро бо тарзҳои гуногун танзим менамуд. Аз ин рӯ таҳлили амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ боназардошти хусусияти низомҳои ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба мо имкон медиҳад, ки меъёрҳои дорои арзиши баланди ҳуқуқӣ ва роҳҳои нави кашфи адолатро дар танзими муносибатҳои оилавӣ пайдо намоем ва аз амалҳои хатарзову дорои оқибатҳои нохушоянд, махсусан, никоҳ бо хешу табори наздик, ки дар аҳди зардуштӣ роиҷ буд, никоҳ бо ҳамҷинсҳо, ки имрӯз ҷомеаи аврупоӣ ҷонибдорӣ

менамояд худдорӣ намоем. Дар кишвар соли 2015 «Соли оила» эълон гардид, ки ин шаҳодати зери таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доштани танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ва ҳифзи оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик аз ҳар ҷиҳат зарур буда, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо дарназардошти гуфтаҳои боло асос ёфтааст.

Дар баробари ин, мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили заминаҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва инъикси комплексии феномени оила ҳамчун ҳодисаи ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик ташкил медиҳад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи таҳқиқоти илмӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоёни оила, сабабҳои вайроншавии оилаҳо, таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби падару модар, мақсад ва тартиби фарзандхондӣ, оқибати ҳуқуқии талоқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсаронро дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир таҳлил намуда, ақидаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дарки институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ, кушодани печидагиҳои илми таърихи ҳуқуқи оилавӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи оилавии шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои миллӣ дар муносибатҳои оилавӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории оилавӣ аҳаммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти рисолаи илмиро ифода менамояд.

2. Диссертатсияи ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи

муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022,№16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 27 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода А.Х., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашудабо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Аминзода А.Х. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризоҥи расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Раҷабзода Равшан Муҳиддин** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муҳаммадиев Иззатулло Сайфуллоевич** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

**Аъзои комиссия:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмиллалии»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода Р.С.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«22» 12 2025 с.